

Мубориза алайхи гардиши гайриконунии маводхои мухаддир, яке аз вазифахои аввалиндарачаи макомоти хифзи хукуки кишвар ба шумор рафта, дар ин самт аз чониби кормандони Раёсати минтакавии гумрукӣ дар вилояти Хатлон пайваста чорахои зарурӣ андешида мешаванд.

Дар толори назорати шахрвандони Гумруки Панчи Поёни Раёсати минтакии гумрукӣ дар вилояти Хатлон боз як далели кӯшиши интиколи гайриконунии маводи мухаддир тарики марзи гумрукии Чумхурии Точикистон ошкор ва пешгирӣ карда шуд. Сокинони шахри Хирот-и Чумхурии Исолмии Афгонистон, Саиди Файз Ахмад соли таваллудаш 1986 ва Чниди Мохаммад Рахим соли таваллудаш 1969, ки харакатхояшон гайриоддӣ менамуд, аз чониби кормандони Гумруки мазкур мавриди боздошт карор гардиданд.



Дар рафти гузаронидани муоинаи гумрукӣ маълум гардид, ки номбурдагон бо худ ду адад чомадони сафарӣ дошта,  бо устогии махсус дар кисми пахлуи чомадонхои мазкур, пинхонгох аз махсулоти пластикӣ ва ширеш омода карда, дохили онро бо моддаи зардчатоби бӯи гализдоштаи монанд ба маводи мухаддир пур кардаанд. Ин ду нафар мехостанд гайриконунӣ ба Чумхурии Точикистон ин микдор маводи муходдирро ворид намоянд. Ин холат аз назари кормандони Гумруки Панчи Поён пинхон намонда, сари вакт ошкор карда шуд.



Мутобики хулосаи экспертӣ, маводхои мусодирагардида ба маводи нашъаовари  навъи «Героин» мансуб буда, вазни холиси он 5 кг 205,7 граммро ташкил медихад.


2018

[illegible]